**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Мулоева Нишона Сангмадовна дар мавзуи «Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион (дар мисоли барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо»)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 - Рӯзноманигорӣ**

Диссертатсияи Мулоева Нишона Сангмадовна ба таҳлилу таҳқиқи мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии “Тоҷикистон” ва “Ҷаҳоннамо” бахшида шудааст.

Ҳарчанд дар бораи жанри репортаж ва таҳавввули он дар телевизион аз ҷониби унвонҷӯи ДДФСТ Ҳакимзода Р.К. таҳти унвони “Таҳаввули жанри репортаж дар телевизион (дар мисоли ТВ «Ҷаҳоннамо» ва ТВ «Душанбе») соли 2023 дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳимоя шуд, докторант Мулоева Нишона Сангмадовна нахустин кӯшиш намудааст, ки жанри репортажро дар мисоили маводи ТВ «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» мавриди омӯзиш қарор диҳад ва вижагиҳои онро муайян намояд. Ҷанбаи хоси ин таҳқиқ дар он аст, ки унвонҷу бештар ба ҷанбаҳои амалии репортажи телевизионӣ таваҷҷуҳ намуда, мавқеи ин жанрро дар барномаҳои иттилоотии телевизиони объекти таҳқиқ муайян кардааст.

Аз ин рӯ, аҳаммияти кори таҳқиқиро, пеш аз ҳама, дар заҳмати докторанти (PhD) метавон арзёбӣ кард, ки барои муайян кардани мавқеи жанри репортаж дар шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» кӯшидааст. Диссертант сабабу омилҳои дар барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии мавриди омӯзиш кам истифода шудани жанри репортаж, махсусан репортажи мустақимро бо мисолҳои мушаххас баррасӣ намуда, роҳҳои корбурди самараноки онро нишон

додааст. Аз ин нигоҳ пажуҳиши мазкур дар шинохти жанри репортаж ва дараҷаи корбурди он дар барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионӣ арзишнок ва судманд буда метавонад.

Кори диссертатсионӣ дар илми журналистикаи тоҷик таълифоти нисбатан ҷудогона ва мустақил буда, натиҷаҳои таҳқиқ ва хулосаҳои пешниҳодшуда донишҳои назариявӣ ва таҷрибаи амалиро доир ба шинохти жанрҳои иттилоотии телевизион ва ҷою мавқеи истифодаи онҳо, махсусан жанри репортажи мустақим меафзояд. Маводи диссертатсияро метавон ҳангоми таълифи рисолаҳои илмӣ, ташкилу баргузории семинару курсҳои тахассусӣ ва таҳияи китобу дастурҳои таълимӣ истифода кард.

Диссертатсия дар маҷмуъ ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он дорои мазмун ва мантиқи том мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 6D050400 - Рӯзноманигорӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф, ки дар 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола, дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи докторант фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия аст Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъин шудааст.

Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Мулоева Нишона Сангмадовна дар мавзуи «Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион (дар мисоли барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо»)» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 - Рӯзноманигорӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Мулоева Нишона Сангмадовна дар мавзуи «Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион (дар мисоли барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо»)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори́ фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 - Рӯзноманигорӣ дар ҷаласаи шурои дессертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6D050400 - Рӯзноманигорӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

**Муллоев Шариф Боқиевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, сардори хадамоти матбуотии муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон;

**Азизов Фирӯз Шарифович** – номзади илмҳои филологӣ, муҳаррири Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина».

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав”** пешниҳод мегардад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Муродӣ М.Б.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Саъдуллоев Ҷ.М.

доктори илми филология, профессор
узви шурои диссертатсионӣ Муқимов М.А.

«5» апрели соли 2024.